# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Ҷумъаев Ҷумъабой Ҷӯраевич "Озарахш ва поэтикаи ашъори ӯ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ. – Душанбе, 2024. – 53 с.**

Рисолаи Ҷумъаев Ҷумъабой Ҷӯраевич "Озарахш ва поэтикаи ашъори ӯ" унвон дошта, ба таҳқиқи вижагиҳои шеъри шоири навовар ва тозагӯй Озарахш бахшида шуда, дар айни замон пажуҳиши пурарзиш ва муҳим дар илми адабиётшиносии муосири тоҷик ба ҳисоб меравад. Аз дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, маълум мегардад, ки дар шинохти шеъри Озарахш ва хусусиятҳои ҳунарии он ҳанӯз пажуҳиши густурдае анҷом наёфтааст. Муҳаққиқоне, ки дар нисбати шеъри шоир тадқиқот анҷом додаанд, шеъри ӯро хеле сатҳӣ ва дур аз арзишҳои ҳунари суханварӣ баррасӣ намудаанд. Ба андешаи муҳаққиқ дар ин мақолаҳо "тавсиф ҷойи таҳлилро танг кардааст", "Лоиқи сонист, Озарахш" , "онҳоро (ғазалҳои шоир) мушкилтафсиру накддастнорас арзёби кардани ӯ аз мантиқ дур аст" барин андешаҳои аз воқеият дур зиёд мебошад.

Зикр кардан ба маврид аст, ки доираи афкору равишҳои маърифатии Озарахш хеле фарох буда, дар қолаби гуногуни шеър матраҳ гардидаанд, ки ҳар кадом ба таври алоҳида шоистаи омӯзишу таҳқиқ мебошанд. Аҳамият ва зарурати таҳқиқи поэтикаи шеъри Озарахш хазинаи маърифатиеро мемонанд, ки онҳоро метавон аз нигоҳҳои гуногун мавриди баррасӣ қарор дод. Дар ин замина масъалаи муҳимме, ки ба пажӯҳиши алоҳида ниёз дорад, таҳқиқи вижагиҳои назарии мавзуи ашъори Озарахш мебошад, ки ин равиш дар шинохти ҷанбаҳои маърифатӣ ва орову афкори адиб заминаи мусоидро фароҳам меоварад.

Мавриди пажӯҳиш ва омӯзиш қарор додани масоили мавриди назар аз ҷониби Ҷумъаев Ҷумъабой Ҷӯраевич бесабаб набуда, он аз фаъолияти пайвастаи ӯ дар бахши шеъри муосир бозгӯӣ менамояд.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки дар рисола вобаста ба дигаргуниҳои таърихию адабӣ баррасии ҳамаҷонибаи моҳияти иҷтимоию эстетикии шеъри Озарахшро ба назар гирифта шудааст, ки ин гуна равиши таҳқиқ муҳаққиқро ба шинохти воқеии равандҳои илмию адабӣ дастёб намудааст. Муҳаққиқро лозим меомад, ки ҳар гуна дигаргуниҳои сиёсию иҷтимоӣ ва адабию ҳунариро дар мисоли шеъри Озарахш дар асоси бозёфтҳои шоирии ӯ баррасӣ намуда, онҳоро дар муайян намудани ҳудуди давраҳои инкишофи шеъри нав дар Тоҷикистон ҳамчун меъёри асосӣ истифода менамуд. Бо вуҷуди ин, муҳокима ва мушоҳидаҳо муҳаққиқро водор намудааст, ки тарзу усули ҳалли масоили мавриди таҳқикро бо дарназардошти дастовардҳои тозаи шеъри Озарахш дар алоқамандӣ бо ҷараёни ташаккули жанрҳои адабӣ, аз ҷумла накди адабӣ таҳлилу баррасӣ намуда, дар ин замина вижагиҳои

хосси онҳоро муайян намудааст, ки инро яке аз дастовардҳои муҳимми рисолаи мазкур метавон арзёбӣ намуд.

Рисолаи Ҷумъаев Ҷумъабой Ҷӯраевич аз муқаддима, се боб, сездаҳ фасл, хулоса ва китобнома иборат буда, онро аз рӯи маводди пажӯҳишӣ ва ҳалли амиқи масоили мавриди таҳқиқ тадқиқоти илмии анҷомёфта ҳисобидан мумкин аст.

Муқаддимаи рисола тибқи муқаррароте, ки муайян шудааст, таҳия шуда, дар он аҳаммият ва дараҷаи омӯзиши мавзуи тадқиқотӣ, ҳадаф ва вазифаҳои рисола, аҳамияти илмию амалии тадқиқот, навоварӣ ва масоиле, ки ба ҳимоя пешниҳод шудааст, хеле муҳим ва амиқ нишон дода шудааст.

Дар се боби рисола муҳаққиқ масоили ҷойгоҳи шоир дар адабиёти муосири тоҷик, анъана ва навоварӣ дар ашъори Озарахш, гиромидошти арзишҳои миллӣ дар шеъри шоир ва ҳунари шоирии Озарахшро мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Дар нисбати фишурдаи рисолаи мазкур ҳаминро қайд кардан ба маврид аст, ки он моҳияти рисолаи мазкурро пурра ифода мекунад ва сабку забони он ҳам ба талаботи илмӣ ҷавобгӯй мебошад

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар адабиётшиносии даврони Истиқлол бори аввал вижагиҳои ҳунарии шеъри Озарахш дар шакли рисолаи алоҳида таҳқиқ шуда, рисола дар пажӯҳиши масъалаҳои алоқаманд ба вижагиҳои жанрию мавзуӣ аз ҷиҳати илмӣ пажӯҳиши тоза ва анҷомёфта мебошад.

Бо вуҷуди ин дастовардҳо дар тадқиқоти мазкур баъзе нуқсонҳои ҷузъӣ ба назар мерасад:

1. Ба назари мо, на ҳама бахшҳои мавриди таҳқиқ ба масъалаҳои поэтикаи шеър мансуб донистан мумкин аст: Масалан, зиндагиномаи шоир, баррасии мубрами ҷомеаи башарӣ, гиромидошти арзишҳои миллӣ, тобишҳои иҷтимоӣ аз зумраи масъалаҳои амалии шеър мебошанд. Ба ҷойи инҳо таҳқиқи бештари масоили вазни шеър, тасвирҳои шоирона, маъниҳои бикр ва бозёфтҳои шоирона дар шеъри Озарахш муҳим буда, дар тадқиқи онҳо вижагиҳои назарии шеъри шоир бештар муайян мегардид.

2. Муҳаққиқ ба хулоса меояд, ки "Шоир дар гуфтани ғазал бештар қолабҳои анъанавиро пайравӣ мекунад, аммо пайравиҳояш ҳама эҷодкоронаанд". Ин нукта дар рисола ба тариқи хеле мухтасар ва норавшан баён шудааст.

3. Унвонии баъзе бобҳою фаслҳои рисола таҳрирталаб мебошанд. Дар матни автореферат баъзе ифодаҳои бемантиқ ба назар мерасад.

4. Забони автореферат дар матни тоҷикӣ ва тарҷумаи русии он ба таҳрири илмӣ эҳтиёҷ дорад.

Нуқсонҳои ҷузъии ишорашуда ҳеч гоҳ сатҳи илмии рисолаи мазкурро коҳиш намедиҳад ва умедворем, ки аз ҷониби унвонҷӯ

мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтани онҳо боиси такмил ёфтани сатҳи илмии тадқиқоти анҷомдодашуда хоҳад гашт.

Умедворем, ки ин рисола ба сифати як асари тадқиқотиву таҳқиқӣ дар адабиётшиносӣ барои муҳаққиқини соҳаи забоншиносӣ, адабиётшиносӣ, назмшиносӣ ва каломи бадеъ судманд ва ҷиҳати боз ҳам дақиқ омӯхтану баррасӣ намудани ин равандҳои адабӣ мусоидат хоҳад кард.

Рисолаи Ҷумъаев Ҷумъабой Ҷӯраевич "Озарахш ва поэтикаи ашъори ӯ" ҳамчун тадқиқоти анҷомёфта комилан ба меъёри рисолаи номзадӣ мутобиқат буда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.04-Таърихи адабиёт; равобити адабӣ мебошад.

**доктори илмҳои филологӣ,**
**дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

**Одинаев Нурмахмад Сафарович**

**Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Карабоев, 63/3.**
**E - mail: odinaievn@mail.ru**
**Сомонаи муассиса: tut.tj**
**Тел: (+992) 93-445-33-44; (+992) 2-50-15-35.**
**Факс: (+992-37) 2-34-49-88.**

**Имзои дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ**
**Одинаев Н.С.-ро тасдиқ мекунам:**

**Сардори шуъбаи кадрҳо ва коргузории**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

**Раҳматулло Нусратулло**

**15.05.2024.**